**ҚАРОРИ**
**Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 назди Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

Оид ба таъин намудани комиссияи экспертӣ барои диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзӯи "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

аз 01 сентябри соли 2026 № 28/КЭ ш. Душанбе

Шурои диссертатсионии 6D.КОА-063 мутобиқи банди 58 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267) қарор мекунад:

1. Диссертатсияи Одилзода Исмоил Одил дар мавзӯи "Рушди соҳибкории саноатӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт (дар мисоли вилояти Хатлон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2. – Иқтисодиёт (5.2.13. – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) барои экспертиза қабул карда шавад;

2. Комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ дар ҳайати зерин таъсис дода шавад:

- Раҳматзода Р.Қ. - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор;
- Ҷамшедов М. - доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент;
- Валиев Н.Ш. - номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент.

3. Тибқи банди 60-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ комиссияи экспертӣ вазифадор карда шавад, ки дар муддати на дертар аз 25 рӯз ба шурои диссертатсионӣ хулосаи хаттии худро дар бораи мутобиқати мавзӯъ, муҳтавои диссертатсия ва автореферат ба ихтисос ва соҳаи илме, ки аз рӯи он ба Шуро қабул, баррасӣ ва ҳимояи диссертатсияҳо иҷозат дода шудааст, мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси пешниҳодшуда, ба самтҳои афзалиятноки илм дар ҷумҳурӣ, оид

ба мукаммалии дарҷи маводи диссертатсионӣ дар корҳои чопшудаи довталаб, дар бораи иҷрои талабот нисбат ба нашри натиҷаҳои асосии диссертатсия, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва вобаста ба масъалаи қабул кардан ё накардани диссертатсия ба шӯрои диссертатсионӣ пешниҳод намояд.

**Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**д.и.и., профессор** **Асрорзода У.С.**

**Котиби илмии Шурои**
**диссертатсионӣ, н.и.и., дотсент** **Исмоилов А.А.**